Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди
Донишгоҳи давлатии молия иқтисоди Тоҷикистон
(734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шарипов Некрӯз Гадомадович дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст. пешниҳод карда шудааст.**

Автореферати пешниҳодшуда ба таҳқиқоти илмии мубрам ва аҳаммиятнок бахшида шудааст. Дар шароити рушди босуръати иқтисодиёти рақамӣ ва густариши технологияҳои муосири молиявӣ, масъалаи баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла ташкилотҳои қарзӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ касб менамояд. Махсусан, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки низоми бонкӣ дар бозори молиявӣ мавқеи калидӣ дорад, таҳқиқи чунин мавзуъ саривақтӣ ва зарурӣ мебошад.

Дар автореферат мубрамияти мавзуъ бо санадҳои стратегии давлатӣ, аз ҷумла Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва барномаҳои давлатӣ асоснок карда шудааст. Муаллиф дуруст нишон медиҳад, ки рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ яке аз омилҳои асосии таҳкими устувории низоми молиявӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳо ба шумор меравад.

Муаллиф мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро ба таври возеҳ ва мантиқӣ муайян намуда, ба ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалии рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ диққати махсус додааст. Объект ва предмети таҳқиқот дақиқ интихоб гардида, ба ихтисоси илмии эълоншуда мутобиқ мебошанд. Дараҷаи омӯзиши мавзуъ нишон медиҳад, ки муаллиф осори олимони ватанӣ ва хориҷиро ҳамаҷониба таҳлил намуда, ҷойгоҳи таҳқиқоти худро дар низоми донишҳои мавҷуда дуруст муайян кардааст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар муайян ва асоснок намудани ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ ифода меёбад. Таҳлили вазъи муосири фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, муайян намудани омилҳои таъсиррасон ва таҳияи тавсияҳои амалӣ аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ аҳаммияти хос доранд. Инчунин, аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар ғанӣ гардонидани мафҳумҳои илмӣ оид ба рушди фаъолияти бонкӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ зоҳир гардида, аҳаммияти амалии он дар имконияти истифодаи натиҷаҳо ҳангоми

Сканировано с CamScanner

таҳияи сиёсати бонкӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва инчунин, дар раванди таълим ифода меёбад.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат баъзе камбудиҳо низ ба чашм мерасанд:

1. Дар автореферат мафҳуми «рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ» асосан дар асоси таҳлилҳои назариявӣ шарҳ дода шудааст. Бо вуҷуди ин, пешниҳод намудани як таърифи мукаммали муаллифӣ, ки хусусиятҳои миллӣ ва институтсионалии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бештар инъикос намояд, мувофиқи мақсад мебуд.

2. Муаллиф истифодаи самараноки технологияҳои нави замонавиро ҳамчун омили баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳо ва коҳиши хавфҳои бонкӣ тавсия медиҳад. Хуб мешуд, ки дар рафти ҳимояи ошкро паҳлуҳои асосӣ шарҳ дода мешуд, ки кадом технологияҳои мушаххас дар назар дошта шудаанд ва механизми татбиқи он чӣ гуна аст.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, ва ба мазуну мундариҷа, натиҷаи назариявӣ, методию амалии диссертатсия дар маҷмуъ автореферати диссертатсияи Шарипов Некрӯз Гадомадович таъсири назаррас намерасонанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Шарипов Некрӯз Гадомадович дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ)», ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, № 3) ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

Д.и.и., и.в.профессори кафедраи менеҷмент,
маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон Мирзоалиев А. А.

Дурустии имзои д.и.и., и.в. профессор Мирзоалиев А.А.- ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С. С.

**Суроғаи муассиса:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кучаи Деҳотӣ ½, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. **E-mail:** tguk@mail.ru Телефон: +992(37) 234-83-46, (992) 934-44-41-45

Сканировано с CamScanner